# ҚАРОРИ
## ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**аз 20 январи соли 2024** **ш. Душанбе**

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 таҳқиқоти диссертатсионии Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; хуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (Роҳбари илмӣ: **Зоир Ҷурахон Маҷидзода** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сарходими илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ) пешниҳод шудааст, ҳамчунин, тақризи муассисаи пешбар, тақриз ва баромади муқарризони расмӣ: **Абдуҳамитов Валиҷон Абдуҳалимович** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон; **Зокирзода Зафар Хайрулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муовини ректор оид ба корҳои таълими Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар н. Рашт, баромади аъзоёни Шурои диссертатсионӣ, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда: докторони илмҳои ҳуқуқшиносӣ – Азиззода У.А., Назаров А.Қ., Сафарзода А.И., Шарипов Т.Ш. ва муқарризони ғайрирасмӣ Искандаров З.Ҳ., Муҳамадиев И.С. ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ. Раҷабзода Р.-ро шунида, мавриди муҳокима қарор дод.

Шурои диссертатсионии 6D.KOA-019 дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулоса, ки аз ҷониби Шуро бобати саҳеҳнокӣ, навгонии илмӣ, аҳаммиятнокии хулоса ва натиҷаҳои диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович, инчунин оид ба интишороти ӯ қабул шудааст,

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Файзиев Спитамен Абдулҳақович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи пешбининамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ, аз чумла «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, таҳти №295) тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвонҷӯ пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

3. Ба Файзиев Спитамен Абдулҳақович дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост ба ҷо оварда шавад, ки қарори Шурои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намуда, Файзиев Спитамен Абдулҳақовичро бо дипломи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ сарфароз гардонад.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Шарипов Т.Ш.

И.в. котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор — Назаров А.Қ.